**Суратмаҷлиси № 44-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 09 ноябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 11 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илми филология Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология Сафаров У.Р. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Низомӣ Мухриддин Зайниддин** – доктори илми филология, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илми филология, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси ҷаласа:
муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология — Сафаров Умархоҷа

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология — Сироҷиддини Эмомалӣ